МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№7 (83),
ИЮЛИ СОЛИ 2022
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАОРИФ - самти афзалиятнок




Масъалаҳои иҷтимоӣ дар Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ меҳварӣ ба ҳисоб меравaнд. Соҳаи маориф ҳамчун зерсоҳаи иҷтимоӣ дониста шуда, пайваста дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Пешвои миллат қарор гирифтааст. Роҳбарияти Ҳукумати кишвар, бахусус Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ин соҳаи барои давлат муҳим ғамхориҳои зиёд зоҳир намуда, дар сиёсати пешгирифта маорифро дар мақоми аввал мегузоранд. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат дар як баромадашон ба муҳим ва афзалиятнок будани ин соҳа чунин таъкид намуданд: "Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф - сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад".

Пешвои миллат пайваста дар суханрониҳояшон нисбат ба рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои миёна ва олӣ ҳарф мезананд ва барои пешрафти маориф кӯшишҳои зарурӣ намуда, аз тамоми имкониятҳо истифода менамоянд, то ин ки муассисаҳои таълимии кишвар рӯ ба беҳбудӣ оранд.

*Давомаш дар саҳ.2*

# МАОРИФ - самти афзалиятнок

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Ҳангоми ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ба рушди соҳаи маориф, ба мақом ва нақши омӯзгорон дар омода кардани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат низ чанд андеша дарҷ гардид. Дар баромади хеш Пешвои миллат аз тамоми роҳбарони муассисаҳои таълимии кишвар даъват ба амал оварданд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯ, эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Пешвои миллат дар идома, ҳамчунин қайд намуданд, ки то ҳол омӯзгороне ҳастанд, ки аз методҳои кӯҳнаи раванди таълим дарс мегӯянд. Дар замони муосир технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ бо суръати кайҳонӣ пеш рафта муносибати навро, аз ҷумла дар соҳаи маориф ба вуҷуд оварда истодааст. Замони муосир тақозо менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ донишҳои соҳавиашонро таҳким бахшида, дар раванди таълим барои беҳтару хубтар гардонидани ҷараёни таълим аз методҳои нав, аз техникаю технологияи ҷадид, ки муносибати нави дарсгӯиро талаб менамояд, моҳирона истифода баранд. Дар ин алоқамандӣ қайд кардан ба маврид аст, ки низоми таҳсилоти кредитӣ ва замони муосир аз ҳар омӯзгор, бахусус омӯзгорони ҷавон дараҷаи баланди касбиро тақозо менамояд.

Имрӯзҳо бошад, аз ҷониби роҳбарияти ВКД ва Академияи он оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия як зумра корҳо аз қабили таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаҳо, нақша-конспектҳо ва матни лексияҳо ба забони давлатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, фаъолияти омӯзгорон дар ин самт таҳти назорати доимӣ қарор дорад. Раванди таҳлили сифати таълим дар Академия нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ, истифодаи самараноки воситаҳои аёнии таълим ва иштироки омӯзгорон ба дарсҳо дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ монда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи технологияҳои замонавӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи фанҳои тахассусӣ дар Академия аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Ҳамзамон, дар Академия 45 синфхонаи таълимӣ ва толорҳо бо воситаҳои муосири техникии таълимӣ, аз ҷумла тахтаи электронӣ, экрани электронии формати HD, проекторҳо, ноутбук, воситаҳои пурқувваткунандаи нутқ ва ғайра таҷҳизонида шудааст, ки раванди таълимро дар муассисаи таълимии мазкур таҳким мебахшад.



Бояд таъкид намуд, ки ҳадаф аз бунёду таҷдиди заминаҳои моддиву техникии Академия баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи курсантону шунавандагон, омода кардани мутахассисони баландихтисос ва ватандӯсту худшинос барои мақомоти корҳои дохилӣ ва такмилу тақвияти донишу малакаи касбии кормандон ба ҳисоб меравад.

Дар давраи бисёр ҳам пуртаззоди имрӯза дар назди омӯзгорон вазифа гузошта мешавад, ки дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавонон, ки 70 фоизи ҷомеаи моро ташкил медиҳад, пурмасъулият бошанд. Зеро ки касби омӯзгорӣ аз як ҷониб бисёр ҳам пурмашаққат буда, аз тарафи дигар, кори арзишманд ва пуршараф мебошад. Рисолати омӯзгорӣ ҷонфидоиву садоқат, самимияту масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрати зиёдро талаб менамояд. Вобаста ба ин ҳолат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019 ҳангоми вохӯрӣ бо аҳли омӯзгорони муассисаҳои олии кишвар бахшида ба Рӯзи дониш дар мавриди вазифа ва рисолати омӯзгорон дар шароити муосир чунин зикр намуданд: "Ҳадафҳои неки созандаву бунёдкорона дар даврони соҳибистиқлолии Ватан аз устодону омӯзгорон, олимону донишмандон ва дар маҷмӯъ, аз тамоми кормандони соҳаҳои илму маориф тақозо доранд, ки пеш аз ҳама, бо донишҳои муосири илмиву техникӣ мусаллаҳ бошанд ва шогирдону таълимгирандагонро ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар сафарбар карда, ин қишри фаъоли ҷомеаро дар руҳияи баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбия намоянд".

Замони муосирро аз як тараф раванди ҷаҳонишавӣ ва аз тарафи дигар бархӯрди манфиатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат, бархӯрди тамаддунҳо ва ҷангҳои иттилоотӣ ҳамроҳӣ намуда, вазъи печидаи сиёсии минтақа ва ҷаҳонро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Дар ин давраи бисёр ҳам ҳассос ва моҷароҷӯи минтақаву ҷаҳон омӯзгоронро зарур аст, ки тарбияи насли наврасу ҷавонро, ки қишри ояндасози давлату миллат мебошанд, дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандорӣ, ватандӯстӣ ба роҳ монда маърифати сиёсии онҳоро баланд бардоранд. Дар сурати тарбияи дурусти насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву худогоҳии миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсиву ҳуқуқии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, фаъолияти якҷояву дастҷамъонаи аҳли омӯзгорон ва дар умум, ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд.

Ҷавонон қишри асосии ҷомеаи моро ташкил дода, нақши онҳо дар пешрафти ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ хеле назаррас дида мешавад. Агар дар сурате насли наврас ва ҷавони мо соҳибкасб ва ватандӯсту худогоҳ мешаванд, ки таълиму тарбия дар тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои олии касбӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад. Аз ин хотир, Пешвои миллат дар Паёми хеш ба масъалаи таълиму тарбия, забондониву донистани технологияи муосир таъкидҳои махсус намуданд: "Дар замоне, ки илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, бе дониши замонавӣ, бе касбу ҳунарҳои муосир ва бе донистани забонҳои хориҷӣ зиндагӣ кардан бисёр душвор мегардад. Баръакс касе, ки илму дониш ва касбу ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳаргиз хору зор ва ба касе муҳтоҷ намешавад ва умри бобаракат мебинад".

Ғайр аз ин, Пешвои миллат ба азхудкунии донишҳои замонавии хонандагон, чӣ гунае ки қайд намудем, ба омӯзиши забонҳои русию англисӣ пайваста диққати махсус зоҳир намуда, ҳангоми суханрониву мулоқотҳояшон сохторҳои дахлдорро вазифадор месозанд, ки дар ин самт фаъол ва ташаббускор бошанд.

Бояд таъкид намуд, ки омӯзиши донишҳои замонавӣ, хусусан таълими забонҳои хориҷӣ - русӣ ва англисӣ аз марҳилаи аввали истиқлолият дар маркази диққати Роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошт. Бо ин мақсад, ҳанӯз аз соли 2004 барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ қабул гардида, давра ба давра дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда мешуданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №438, "Дар бораи Барномаи давлатии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" тадбири саривақтӣ буда, татбиқи он ба ҳалли ин мушкилӣ мусоидат хоҳад намуд. Зеро дар раванди ҷаҳонишавии ҷомеаи ҷаҳонӣ донистани забонҳои хориҷӣ як роҳи ноил гардидан ба муваффақиятҳои беш аз пеши ҳар як сокини кишвар маҳсуб меёбад.

Яъне, ба андешаи Роҳбари давлат забондонӣ ва соҳибкасб будани шахс омили на танҳо пешрафту ободии ҷомеа, боло рафтани сатҳи зиндагӣ ва боиси обрӯву эътибори махсус пайдо намудани шахс дар ҷомеа мегардад. Президенти мамлакат дар Паёми хеш бо мисолҳои равшан ишора намуданд, ки бештари хатмкунандагони мактабҳои олӣ забонҳои хориҷиро намедонанд, ки ин боиси пайдо карда натавонистани ҷойи кори арзандаи онҳо мегардад. Дар ин робита, аз омӯзгорон ва ҷавонон тақозо карданд, ки ҳадди ақал ду забони хориҷиро аз худ намоянд. Зеро бе донистани забони хориҷӣ дар оянда пешрафт кардани шахс ғайриимкон аст. Зимнан, ба Вазорати маориф ва илм супориш доданд, ки барои омода кардани омӯзгорони фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ бо забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳҳои равияи омӯзгорӣ кушодани шуъбаҳои алоҳида пешбинӣ намояд. Ҳамчунин, талаб карданд, ки таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан русиву англисӣ, дар тамоми факултаву шуъбаҳои макотиби олӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад.

Аз ин лиҳоз, дар Академияи ВКД дар асоси таъкидҳои Сарвари давлат ба масъалаи таълими забонҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ эътибори ҷиддӣ дода, кӯшиш намуда истодаанд, ки хатмкардагони Академия на танҳо ҳуқуқшиносони баландихтисос, балки донандагони хуби забонҳои хориҷӣ низ бошанд.

Ба масъалаи омӯзиши забонҳо, аз ҷумла забонҳои хориҷӣ диққати махсус зоҳир мегардад. Баҳри баланд бардоштани сатҳи забондонии курсантону шунавандагон пайваста мизҳои мудаввар, викторинаҳо ва озмунҳо ташкил карда мешаванд. Дар доираи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи барномаҳои таълимӣ, аз фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар асоси ҷадвалҳои дарсӣ машғулиятҳо гузаронида шуда, баҳри тақвият додани ин самти фаъолият дарсҳои иловагӣ гузаронида мешаванд.

Баҳри тақвият бахшидан омӯзиши забонҳои хориҷӣ синфхонаи лингофонӣ ташкил карда шуда, машғулиятҳо дар ин самт пайваста баргузор карда мешаванд.

Воқеан, соҳаи маориф зербинои асосии пешрафти ояндаи давлату миллат буда, дуруст ба роҳ мондани корҳои таълимиву илмӣ ва тарбиявию ҷамъиятӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот барои омода кардани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи рақобати бозори меҳнат таъсири бевосита мегузорад. Аз ин рӯ, ислоҳоти соҳаи маориф ин нишони рушди минбаъдаи ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа, омили пешрафти ҷомеа ва боз ҳам ба таври шоиста беҳтар муаррифӣ гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21 декабри соли 2021 ифода ба он менамояд, ки масъалаи илм ва маориф беш аз ҳарвақта дида мавриди диққати Пешвои миллат қарор гирифтанд. Пешвои миллат зимни суханронӣ ба масъалаи омӯзиши фанҳои таълимии табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон, тарбияи омӯзгорони ҷавони баландихтисос, таҳқиқи масоили мубрами ҷаҳони муосир ва ғайра дахл намуда, таваҷҷуҳи масъулони соҳаро баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта ва таҳкими сатҳу сифати дониш ва саводу малакаи мутахассисон ҷалб намуданд.

***Саидзода Саидшоҳ Саид,***
***сардори Шуъбаи таълим,***
***полковники милитсия***
***Лоиқ Расулзод,***
***ходими Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр,***
***капитани милитсия***

# Паём ва аҳамияти он баҳри пешрафти ҷомеа

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи рушди ҷомеа ва давлат ба ҳисоб рафта, самтҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатро барои ояндаи дурахшон муайян менамояд. Паём аз ҷиҳати мазмунва моҳияти худ ин ҳисоботи Сарвари давлат ва Ҳукумат дар назди сокинони мамлакат буда, дар асоси он муайян сохтани дурнамои он дар солҳои наздик мебошад.**




Дар Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти ниҳоят душвори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки бо сабаби паҳн шудани бемории коронавирус дар минтақа ва дунё ба вуҷуд омадааст, ироа гардид.

Агар Паёми Сарвари давлатро аз нигоҳи уҳдадории давлат дар назди шаҳрвандон таҳлил намоем, мефаҳмем, ки сиёсати Ҳукумати мо дар самти таъмини рушди устувори иқтисодии давлат, дар асоси ин таҳлилҳои муқоисавӣ бармеояд. Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст.

Дар натиҷа, аз даҳсолаи дуюми даврони Истиқлолият рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодии кишвар оғоз гардида, мо барои расидан ба ҳадафи олии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидем.

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд. Яъне маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.

Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш пайдо кард.

Дастовардҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ имкон фароҳам овард, ки дар саросари кишвар 18 300 иншооти истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи Ҷашни 30-солагии Истиқлолият банақшагирифташуда, ки бештари онҳо иншооти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва варзиш мебошанд, бунёд ва ба истифода супорида шуда, бо ҳамин роҳ даҳҳо ҳазор ҷойи нави корӣ муҳайё гардиданд.

Вобаста ба силсилаи ташаббусҳои Пешвои миллат дар самти расидан ба ҳадафҳои стратегӣ бошад, исбот гардид, ки ҳар яке аз онҳо амалишавандаанд. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат бештар таваҷҷуҳ ба раванди расидан ба чор ҳадафи стратегии кишвар ва як қатор иқдомҳо дар ин самтҳои барои давлат ҳаётан муҳим, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифт. Дар баромад, инчунин дастовардҳо дар самти амалишавии ҳар як ҳадафи стратегӣ муфассал арзёбӣ гардида, барои пурра расидан ба ҳадафҳои стратегии ҳаётан муҳим вазифаҳои ҷиддӣ гузошта шуд. Пешвои миллат дар ин Паёмашон ба рушди соҳаи саноат ва тақвияти саноатикунонии босуръати кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, иброз доштанд, ки баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфт. Диққати асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ нигаронида шуд.

Тоҷикистон кишвари аграрӣ буда, яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти мамлакат ин кишоварзӣ мебошад. Дар ин самт, бо назардошти вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза, Президенти кишар иброз доштанд, ки "минбаъд низ бояд тарзе кор кунем, ки ба ҳар гуна мушкилоти эҳтимолӣ омода бошем ва нагузорем, ки мардумамон аз норасоии маводи ғизоӣ танқисӣ ва муҳтоҷӣ кашанд".

Бо мақсади дастгирии давлатии кишоварзони мамлакат ва таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ Президенти кишвар дар Паёми пештара пешниҳод намуда буданд, ки тамоми кишоварзони мамлакат як сол, яъне соли 2021 аз пардохти андози ягонаи замин озод карда шаванд. Ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки дар дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ барои пӯшонидани манбаи андози мазкур чораҷӯӣ намояд. Ҳамзамон, ба вазоратҳои кишоварзӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, идораи замин ва геодезӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди соҳа, ташкили марказҳои логистикӣ ва тибқи талаботи бозор ва стандартҳои байналмилалии сифат ба роҳ мондани коркард, басту банд ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ нақша-чорабиниҳои зарурӣ таҳия намоянд.

Бояд таъкид сохт, ки рушди иқтисодии давлат ба соҳаи кишоварзӣ низ алоқамандии зиёд дорад. Бинобар ин дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат бори аввал дар таърихи давлати соҳибихтиёрамон ислоҳоти куллӣ гузаронида шуда, истифодаи замин ба соҳиби аслии он - деҳқон вогузор гардид, ки яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз дар солҳои оғози Истиқлолият, яъне дар солҳои бисёр вазнини 1992-1998 Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва пешгирӣ кардани гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ҳамчун заминҳои президентӣ тақсим намуда, дар бист соли охир 138 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба 1 миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзили истиқоматӣ ҷудо карда дода шуд. Яъне аҳолии кишвар имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Дар ин давра дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо амалӣ шуда истодааст. Дар натиҷа, дар замони Истиқлолият маданияти истифодабарии замин куллан беҳтар гардида, аз як қитъаи замини обӣ гирифтани 2-3 ҳосил ба ҳукми анъана даромад, ки барои бамаротиб зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда истодааст.

Бо ҳамин роҳ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин гардида, аз 11 миллиарди соли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, яъне қариб 4 баробар афзоиш ёфт.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ - ҳифзи амнияти озуқавории кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайиҳам омадани хушксоливу камобӣ гувоҳӣ медиҳад.

Маҳз ба шарофати заҳмати онҳо фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин гардид ва мардуми мо аз ҷиҳати таъминот бо маводи озуқа танқисӣ накашиданд.

Бинобар ин, мо - сокинони давлати соҳибистиқлол, бояд сарҷамъона ғояҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, дар солҳои наздик ба ҳадафҳои стратегии давлатамон расида, дар маҷмӯъ, ба таъмини сифат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми кишварамон расем. Барои фатҳи ин қуллаҳои мурод аз ҳар фарди бедордил ва ҳар як шахси ватандӯст тақозо мегардад, ки пеш аз ҳама манфиатҳои халқу давлат ва Ватани азизи худро аз ҳама болотар дониста, ба хотири ободии Ватан, таҳкими иқтидори давлат ва осоиштагии мардум кору фаъолият намуда, дар раванди ободонии сарзамини худ фаъолона ширкат варзанд.

*Юсуфзода А.Ю.,*
*сардори кафедраи ФОҶ МКД*
*факултети №4,*
*н.и.т., полковники милитсия*

# Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ



Санаи 29-уми июн бахшида ба 65-солагии Донишкадаи ҳуқуқшиносии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Руссия дар шаҳри Барнаул конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар шакли онлайн таҳти унвони "Государство и право в эпоху глобальных перемен" баргузор гардид, ки дар он сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ иштирок намуд.

Дар сухани ифтитоҳии худ Файзалӣ Шарифзода сардори донишкадаи мазкур, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия Проказин Дмитрий Леонидович ва дар шахсияти ӯ ҳайати шахсии донишкада, собиқадорону курсантон ва шунавандагонро бо 65-умин солгарди таъсисёбии ин муассисаи таълимии бонуфузи низоми мақомоти корҳои дохилии Руссия табрик намуд.

Тавре номбурда қайд кард, "соли 2018 байни муассисаҳои таълимии мо Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти таълимӣ ва илмӣ ба имзо расид. Аз он вақт то инҷониб ҳамкориҳо байни муассисаҳои таълимиамон ба сатҳи баланд баромаданд. Дар ин муддат ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар бисёр чорабиниҳои илмие, ки мактабҳои олӣ мегузаронанд, фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамин тариқ, соли 2020 бори аввал дар таърихи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи рисолаҳои дипломии хатмкунандагони Донишкадаи Барнаули ВКД - намояндагони Тоҷикистон бо иштироки омӯзгорони Академия тавонист ба амал оянд, ки ин аз эътимод ва эътирофи иқдомоти муштараки мо ҷиҳати муттаҳид ва ҳамоҳангсозии системаҳои маорифи миллӣ шаҳодат медиҳад.

Чанде пеш, аниқтараш моҳи апрели соли ҷорӣ дар доираи Рӯзҳои илми ҷавонон дар Донишкадаи Барнаули ВКД Руссия озмуни байналмилалии тадқиқотҳои илмии беҳтарин байни курсантон, донишҷӯён ва шунавандагони мактабҳои олии Руссия ва дигар давлатҳои хориҷӣ дар мавзӯи "Ҳамкории ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои нав" баргузор гардид, ки дар он курсантони мо низ иштирок намуда, ҷойҳои сазоворро ба даст оварданд. Мо аз ҳамкорӣ бо Шумо ифтихор дорем ва умедворем, ки ин ҳамкориҳо минбаъд низ пурсамар ва муассир хоҳад буд".

Дар кори конференсия, инчунин намояндагони Сарраёсати ВКД Руссия оид ба кор ба ҳайати шахсӣ, дигар муассисаҳои Руссия ва давлатҳои хориҷӣ, аз қабили Тсзян Ихуай - сардори Академияи политсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар шаҳри Синтсзян, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, намояндагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Қазоқистон дар шаҳри Қарағанда, Академияи ВКД Ҷумҳурии Узбекистон иштирок намуданд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр*

# Ғолиби озмун

Озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", ки ҳамакнун ҳамасола роҳандозӣ мегардад, тавонист меҳри китобу китобхониро дар вуҷуди ҷомеа дучанд гардонад. Ҳамин аст, ки мардум рӯ ба китобу китобхонӣ ниҳоданд.

Академияи ВКД дар озмуни ноҳиявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", бо ба даст овардани се ҷойи якум аз номинатсияҳои адабиёти классик, муосир ва бачагона, як ҷойи сеюм ва як нафар ҷойи ифтихорӣ сазовори ҷойи аввал гардида, ҷиҳати гузоштани саҳми арзанда дар татбиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми феврали соли 2022 таҳти №АП-156 дар бораи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни сокинони ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо "Сипоснома" сарфароз гардид. Имрӯзҳо бошад, курсантони ғолиб барои иштирок дар даври сеюми (шаҳрӣ) озмуни номбурда омодагӣ дида истодаанд, ба онҳо ғолибияти навбатиро таманно дорем.



*Азиза Давлатшоева*

# Гӯштингирони Академия дар мусобиқаи идона пирӯз гардиданд



Рӯзҳои 24-26-уми июн бо ташаббуси Шӯрои ҷумҳуриявии "Динамо"-и ВКД дар якҷоягӣ бо Раёсати ВКД дар минтақа ва ноҳияи Рашт, дар ноҳияи мазкур бо мақсади сазовор ҷашн гирифтани Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар байни наврасону ҷавонон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусобиқаҳои гӯштини миллӣ, тенниси рӯйи миз, шашка ва шоҳмот гузаронида шуд, ки дар он варзишгарон аз раёсату шуъба ва дигар ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ иштирок намуданд.

Нахуст, сардори РВКД дар минтақа ва ноҳияи Рашт генерал-майори милитсия Саидзода Маҳмадсаид Борон ба варзишгарон барору комёбиҳо таманно намуда, изҳор дошт, ки "бо мақсади баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон, фаъолгардонии нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, маърифатнокӣ, худогоҳӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ дар тамоми ҷумҳурӣ байни наврасону ҷавонон ва кормандони касбу кори гуногун мусобиқаҳои варзишӣ гузаронида мешаванд. Сабқатҳои навбатӣ низ аз ҷумлаи тадбирандешиҳо буда, барои тарғиби тарзи ҳаёти солим ва пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир мусоидат менамоянд".

Дар идома, муовини аввали Раиси Шӯрои ҷумҳуриявии "Динамо"-и ВКД полковники милитсия Зафар Салимов тамоми иштирокчиёнро бахшида ба 25-умин солгарди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон табрик гуфта, ба нафароне, ки саҳми хешро дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва таъмини суботу оромӣ гузоштаанд, изҳори миннатдорӣ намуд.

Ба андешаи мавсуф, чандин нафар кормандони милитсияи тоҷик баҳри барқарории сулҳ ҷони худро дареғ надошта, дар муқобили душманони дохилию хориҷӣ истодагарӣ намуданд.

Ногуфта намонад, ки заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки ба ин рӯзҳои хурсандӣ ва нек моро расонид.

Лозим ба зикр аст, ки дар мусобиқаҳои кушоди варзишӣ таҳти шиори "Интихоби ман ҳаёти солим ва нест бод нашъамандӣ!" зиёда аз 200 нафар варзишгар иштирок намуданд. Ҳамзамон, мусобиқаҳои мазкур дар доираи нақшаи кории муштараки ВКД ва Дафтари барномаҳои САҲА дар шаҳри Душанбе барои соли 2022 гузаронида шуданд.

Ҳамин тавр, дар намуди гӯштин дастаи Академия соҳиби ҷойи аввал, СХДО ҷойи дуюм ва РВКД дар минтақа ва ноҳияи Рашт ҷойи сеюмро ба даст оварданд.

Дар охир, дар вазъияти тантанавӣ ба ҷавонону наврасон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар мусобиқаҳои идона ба ғолибият шарафёб гардиданд, дипломи медал ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуданд.

*Наврӯз Ҷобиров*

# Забони модарӣ - пайвандгари дилҳо

Ҳеҷ чиз дар олам муқаддастар ва азизтар аз забон нест. Инсон бо забони ширину гувори худ аз тамоми махлуқот фарқ мекунад. Забон ва сухан давраҳоро бо ҳам пайванд месозанд ва дар инкишофи илму дониш ва пешрафти ҷамъият нақши бузург доранд. Махсусан, саҳми забони модарии мо дар ривоҷу равнақи фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол ва кишварҳои дигар беандоза аст.

Забон ба ҳайси шиноснома ва яке аз рукнҳои воқеан ҳам муҳим дар шинохти миллат ва давлатдорӣ ҳамчун меъёру омили ифодакунандаи мақсад, маром, тафаккур, ақида, ҳувият, рӯҳоният, маънавият, асолат, ният, ормонҳо ва ҳастию бақои миллат дар рушду такомули ҷомеаю давлат ҳамчун асос ва заминаи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат менамояд. Зеро, забон ба ҳайси мероси аҷдодӣ ва пайвандгари наслҳои гузаштаи дурамон, имрӯзу фардои моро бо асламон пайваста, муоширату, муносибат ва робитаҳоямонро ҳамчун миллати соҳибзабону соҳибтамаддун дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёт, дар ин ҷаҳони муосири пур аз таззоду ихтилоф таъмину устувор мегардонад.

Имрӯз олами муосир дар ҳоли рушду такомул ва пешравиҳои баланди илмию техникӣ қарор дошта, раванди ҷаҳонишавӣ, кулли муносибатҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқии мардуми сайёраро фаро гирифтааст. Ин раванд ҷиҳатҳои номатлуби худро низ доро буда, ба ҳастии забон, ҳувият ва бақои давлату миллатҳои орӣ аз муқовимат таъсири манфии худро расонида, ба тамаддуну фарҳанги онҳо таҳдиди воқеӣ менамояд. Ҷиҳати пешгирии чунин раванди номатлуб ва таҳкиму устувории амали забони тоҷикӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир меандешад.

Таваҷҷуҳи рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт хеле зиёд аст. Зеро Роҳбари давлати мо ҳанӯз 22 июли соли 2005 дар Паёми табрикотиашон ба муносибати шонздаҳумин солгарди Рӯзи забон - волоияти мақоми забон ва поку бегазанд нигоҳ доштани онро аз далелҳои ифтихори миллӣ ва Ватану ватандорӣ дониста, забони тоҷикиро аз олитарин муқаддасоти миллӣ эълон доштанд, ки ин волотарин аҷргузорӣ ба забони миллӣ ва миллати хеш аст. Аз ҷумла, Сарвари давлат дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2010 ироагардидаашон чунин қайд намуданд: "Барои мо ҷойи ифтихор аст, ки тоҷикон аз ҷумлаи халқҳое мебошанд, ки дар офариниши тамаддуни башарӣ саҳми арзандаву босазо доранд. Тоҷикон дар тӯли таърихи куҳанбунёд худ фарҳанги баланд ва тамаддуни моддиву маънавии ҷовидона ба вуҷуд овардаанд, ки ҷаҳониён онро эътироф ва истифода мекунанд…".

Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар як давлат ҳифзи асолати миллӣ, забону фарҳанг, аз ҷумла, ёдгориҳои таърихӣ мебошад. Шароити нави таърихӣ ва рушду такомули босуръату тағйирёбандаи муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ҷамъиятию ҳуқуқӣ тақозо менамояд, ки халқу миллат ва давлатҳо бо васоиту омилҳои маъмулу пазируфташуда забон, мерос, ҳувият ва асолати худро ҳифз намуда, инкишофи онҳоро таъмин кунанд.

Ҳанӯз 22 июли соли 1989 Шӯрои Олии Тоҷикистони Шӯравӣ "Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро тахти №152 қабул ва мавриди амал қарор дода буд. Зимнан, зикр бояд кард, ки қонун дар давраи ё худ айёми фаноёбии давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста ба шароит, дар доираи талаботу вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқии он давр ва он сохт таҳияву қабул гардида буд. Аз ин ҷост, ки қонуни номбурда ҳарчанд дар қонунгузории миллӣ падидаи нав буд, вале натавонист дар давраи кӯтоҳи мавҷудияту амали беш аз 20-солаи хеш мавқеъ ёфта, вазифа ва мақсади худро иҷро намояд. Аммо муҳим он буд, ки ин қонун забони тоҷикиро ба ҳайси забони давлатӣ эълон, ҷой, мавкеъ, вазъи ҳуқуқӣ ва истифодаи онро дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда буд.

Дар натиҷаи рушду такомули ҷомеа, тағйирёбии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, равнақу инкишофи муносибатҳои нави ҳуқуқӣ, робитаҳои фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷи дуру наздик, давлату миллатҳои ҳамҷавору ҳамзабон, ки бо онҳо фарҳангу тамадду-




ни муштарак дорем, зарурати қабули қонуни навро дар ин ҷода ба миён овард, зеро Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам забони тоҷикиро комилан давлатӣ нагардонида буд. Ҳамин буд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 5 октябри соли 2009, тахти №553 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд, ки он аз 7 боб ва 28 модда иборат мебошад. Қонуни қаблии забони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 8 боб ва 37 модда иборат буд, бо қабули қонуни нав дар ин соҳа аз эътибор соқит дониста шуд. Аммо, ин қонун гарчанд беэътибор дониста шуда бошад ҳам, вале бо баъзе умумият ва фарқиятҳояш барои қабулшавӣ ва мавриди истифода қарор додани Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар таҳрири нав заминаи боэътимод гардид.

Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки забони қонун ҳамчун қисми таркибии забони давлатӣ ва забони миллате, ки давлат номи худро аз он гирифтааст, дар шинохту ҳастии миллат ва бақои давлату давлатдорӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию ҳуқуқӣ, инчунин, робитаҳои байналмилалии давлату ҷомеа бо ин забон мусоидат карда тавонад. Забони қонун бояд оммафаҳму ҷаззоб, пурмазмун, ғанӣ, шевою гуворо, инсонпарваронаю адолатнок ва фарогири тамоми истилоҳоти ҳуқуқӣ ва илмию соҳавӣ бошад ва забони давлатии моро дар тамаддуни ҷаҳони муосир ва дар оянда муваффақона муаррифӣ карда тавонад, чуноне ки дар тӯли таърих он забони илму фарҳанги на танҳо исломӣ, балки илмҳои дунявӣ, аз қабили риёзиёт, ҳандаса, ҷуғрофия, фиқҳ, фалсафа, тиб, табиатшиносӣ ва шеъру ғазал буд ва фарогири минтақаи бузург то Эрону Ҳиндустону Чин дар ҷанубу шарқ ва то соҳилҳои баҳри Ҳазар дар шимолу шарқ мавриди амалу истифода қарор дошт.

Аз ин рӯ, мо умед мебандем, ки забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - забони нобу гувори тоҷикӣ, ин рисолати таърихию фарҳангии худро муваффақона иҷро ва ҳамзамон, боиси болоравии амал ва нуфузи рушди фарҳангу такомули кишварамон мегардад, ки дар навбати худ, татбиқу амалишавии ин ҳадафу мақсадҳои воло аз соҳибзабонон вобастагии ногусастанӣ дорад.

Таъмини иҷрои қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", қабл аз ҳама ба сифат, мазмуну муҳтаво, моҳият ва ҳадафрасиашон вобастагии ногусастанӣ дорад. Ҳадаф ва мақсади ниҳоии ҳар як қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар волоияти онҳо ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа буда, Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз он истисно нест.

Кулли масоили назариявӣ, амалӣ, методологӣ ва усулҳои корбурди забон, риояи усул ва техникаи қонунгузорӣ дар ин самт, аз ҷумла, аз байн бурдани мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мутобиқгардонии пурраи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин, мутобиқгардонии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, аз муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки ба таъмину татбиқи воқеии Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бевосита мусоидат мекунанд.

Аз мазмуну муҳтаво ва тарзи баёни Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бармеояд, ки қонунгузор зимни таҳия ва қабули он расму оин, рӯҳоният, маънавият, асолат, одат ва анъанаҳои миллии ниёгонамонро ба сифати асос, замина ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ бо назардошти вазъи фарҳангию илмии забони муосири тоҷикӣ дар раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои байни давлату халқҳо, бархӯрди тамаддунҳо ба роҳбарӣ гирифта, бо дарки масъулияти баланди ватандорӣ ҳифз кардани ин забони гуворо ва баояндагон ба мерос гузоштани онро муҳим арзёбӣ кардааст.

Забони ҳар як халқ баёнгари нияту ормон, орзую омол, ақида ва мавқеи таърихию фарҳангӣ ва ҳуқуқии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аз дуриҳои таърих сарчашма гирифта, қисме аз он дар чораёни ҳодисаю воқеа ва таҳаввулоти мухталифи сиёсӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқӣ, ки дар саҳифаҳои таърих ба вуҷуд меоянд, бо мушкилиҳои воқеӣ ва сунъӣ мувоҷеҳ гардида, дар ин раванд забон ва соҳибзабонон мекӯшанд худро ҳифз карда тавониста бошанд, қисми дигари он ба гармию сардӣ ва фишору тазйиқи ин фишорҳо тоб наоварда маҳв шудаанд.

Забон ҳамчун василаи ифодагари фикру ақида, тафаккур ва ҳувияти миллии халқҳо, бурду бохт ва дастоварду музаффарияти онҳоро дар оинаи таърих инъикос ва дар дафтари ҷовидонаи он сабт месозад. Бигзор, доимо забони миллати тоҷик пок ва софу беолоиш бимонад!

*Аҳмадзода Мухбирахон Аҳмад,*
*муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4,*
*н.и.ф., подполковники милитсия*

Ҳар бахше аз дониши башарӣ бо дунёи бениҳояти шеър интиҳо меёбад.
Константин Паустовский



# Дарсҳои дастурӣ барои омодагии довталабон



Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро аз санаи 4-уми июл барои омодагии довталабони факултетҳои №2, №4 ва №6 дарсҳои дастурӣ ташкил гардиданд.

Дарсҳои дастурӣ аз фанҳое, ки довталабон имтиҳони дохилшавӣ месупоранд, аз ҷумла "Таърихи халқи тоҷик", "Асосҳои давлат ва ҳуқуқ" ва "Забон ва адабиёти тоҷик" ташкил гардида, то санаи 8-уми июл идома ёфта, баъди анҷоми дарсҳо довталабон имтиҳонҳои дохилшавӣ супориданд.

Дарсҳои мазкур аз ҷониби омӯзгорони соҳибкасб гузаронида шуда, саволу ҷавобҳои мушаххас низ атрофи масъалаҳои бавуҷудомада сурат гирифтанд, ки барои омодагии довталабон ҷиҳати супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ мусоидат намуданд.

*Каримзода У. К.,*
*муовини сардори факултети №2,*
*н.и.ҳ., подполковники милитсия*

# Дар солҳои Истиқлолият таваҷҷуҳ ба масъалаи занон афзуд

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки ба мавқеи занмодар таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зан-модар тамоми шароитҳои лозимиро муҳайё намуда, онҳоро аз лиҳози қонунӣ ҳифз мекунад. Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ низ ба ин масъалаи муҳим дахл гардида, вобаста ба он чунин таъкид карда шуд: "Нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ занон 49,3 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд. Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд. Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин, дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд. Маҳз ба ҳамин хотир, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон, аз ҷумла дар мақомоти роҳбарикунанда ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Бо дарназардошти ин ва бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати то 30 фоиз расонидани хизматчиёни давлатӣ ва то 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони лаёқатманд дар муҳлати се моҳ "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023-2030" таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад".

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ нисбати зан-модар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои мушаххас ва чорабиниҳои иловагӣ дар ин самт андешида шуданд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ кишвари мо, аз ҷумла соли 1999 Консепсияи "Ҳуқуқҳои сиёсии занон"-ро тасдиқ намуд. Моҳи сентябри соли 1998 Нақшаи миллии баланд бардоштани мақоми зан барои солҳои 1998-2005 қабул гардид. Барномаи давлатии таъмини баробарҳуқуқии занон ва мардон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010 ба имзо расид, ки дар доираи он дар ин муддат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассир андешида шуданд.

Бояд гуфт, Тоҷикистон дар байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ягона ҷумҳурие мебошад, ки Консепсияи байналмилалии ҳуқуқҳои сиёсии занонро тасдиқ намудааст.

3 декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба тасвиб расид. Ин фармон имкон фароҳам овард, ки нақши занон дар кори идоракунии мақомоти давлатӣ сол то сол афзоиш ёбад. Иштироки занон дар кори идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондодҳои миёнаи ҷаҳонӣ мувофиқ мебошанд, ки чунин вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ кам ба назар мерасад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2008 то инҷониб Барномаи давлатии "Тарбия, ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон ва духтарон" амал мекунад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханрониашон зимни боздид аз шаҳру ноҳияҳои кишвар диққати аввалиндараҷаро ба масъалаи тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд медиҳанд. Ҳамин аст, ки аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ то кунун аз тарафи Пешвои миллат ҷиҳати дастгирии духтарон, алалхусус духтарони манотиқи дурдасти кӯҳистон ҳазорон квота барои дохил шудан ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дода шудааст. Баъди хатмкунӣ, дар навбати аввал ин духтарон дар маҳалли зисти худ бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишваре мебошад, ки аз солҳои аввали Истиқлолият дар назди Ҳукумат Кумитаи кор бо занон ва оила фаъолият дорад. Инчунин, маҷаллаҳои оммавӣ аз ҳаёти занон иттилоъ медиҳанд. Дар сохтори Маҷлиси Олии мамлакат Кумитаи занон, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва экология амал менамояд. Чунин кумитаву комиссияҳо дар дигар сатҳи мақомоти намояндагони ҳокимияти давлатӣ низ амал менамоянд.

Имрӯзҳо дар Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, шумораи зиёди занону духтарон фаъолият доранд. Аз ҷумла, дар сохтори ВКД Шӯрои занону духтарон амал менамояд, ки дар тайёру тарбия намудани кадрҳо аз ҳисоби занон нақши калон дорад. Бо ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро низ ба мавқеи кормандзанону духтарони мақомоти милитсия таваҷҷуҳи хос ва ғамхориҳои пайваста зоҳир менамояд. Иштироку ҷалби фаъоли намояндагони ҷинси латиф дар тамоми ҷузъу томҳои ВКД ба назар расида, дар парадҳои ҳарбӣ бахшида ба ҳар гуна ҷашнвораҳои сатҳи давлатӣ яке аз беҳтаринҳо ҳисобида мешаванд.

Барои тарбияи кӯдакони кормандзанони милитсия боғчаи бачагона фаъолият карда, дар назди ансамбли "Сипар" ва Шӯрои ҷумҳуриявии "Динамо"-и ВКД бошад, аз ҳисоби фарзандони кормандзанон дастаҳои наврасони ҳунарманду варзишгар амал менамоянд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии занон беҳтар гашта, онҳо, баробари мардон, дар самтҳои сиёсат ва кори идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар сохторҳои гуногуни мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот содиқона заҳмат мекашанд.

*Б. Асламов,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Талошҳо баҳри беҳтар кардани некуаҳволии мардум

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат замоне ироа гардид, ки кишвари азизи мо ба марҳалаи нави рушду тараққиёт ворид гардида истодааст.

Дар ҳақиқат, мардуми сарбаланди мо дар 30 соли замони Истиқлолияти давлатӣ бо саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳматҳои созанда тавонистанд тамоми азму иродаи хешро баҳри ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон равона созанд. Маҳз ин талошҳо буд, ки имрӯз дар кишвари азизамон сулҳу суботи комил танинандоз аст, мардум дар фазои оромиву осудагӣ умр ба сар мебаранд.

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарбаргирандаи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии кишвар дар давраи 30 соли истиқлолият ва муайянкунандаи вазифаҳои мушаххас барои 5 соли минбаъда буд. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки зимни ин Паём ба он таваҷҷуҳ зоҳир гардид, масъалаи пешрафти соҳаи роҳу нақлиёт мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки 93% кишвари моро кӯҳистон ташкил медиҳад ва 85% ҳаҷми боркашонӣ ба саҳми нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ рост меояд. Ин ҳолат метавонад боиси таъсиррасонии назаррас ба иқтисодиёти кишвар гардад. Бо натиҷагирӣ аз 30 соли даврони соҳибистиқлолӣ Сарвари давлат қайд намуданд, ки Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст ва барои расидан ба ҳадафи олии худ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидем.

Маҳз чунин сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат буд, ки барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои кишвар, инчунин, раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он 59 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 24 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, 2400 километр роҳ, 326 пул, 6 нақби мошингузар ва 219 километр роҳи оҳан сохта, ба истифода дода шудааст.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки: "Бо амалӣ намудани корҳои зикргардида мо соли 2017 ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил шуда, Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил додем ва тавассути долонҳои нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар мамолики дуру наздики хориҷӣ пайвастани онро таъмин намудем.

Ҳукумати мамлакат дар ин давра дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар соҳаҳо лоиҳаҳои сармоягузории давлатиро ба маблағи 91 миллиард сомонӣ татбиқ намуд".

Ҳамзамон, Пешвои миллат баён доштанд, ки Ҳукумати мамлакат бо истифода аз тамоми имкониятҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои бунёду азнавсозии роҳҳо мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст.

Имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 11 миллиард сомонӣ идома дорад, ки барои ба кишвари дорои шароити муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Соли 2021 лоиҳаҳои сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди "Обигарм-Нуробод", "Ҳулбук-Темурмалик-Кангурт", "Данғара-Левакант-Бохтар", қитъаҳои Қалъаихумб-Ванҷи шоҳроҳи "Душанбе-Кулма", Қизилқалъа-Бохтари шоҳроҳи "Душанбе-Бохтар", "Бекобод-Бобоҷон Ғафуров-Конибодом", сохтмони пул аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Кокули ноҳияи Фархор ва дарёи Ғунд дар шаҳри Хоруғ, таҷдиди роҳи мошингард ва бунёди долонҳои зидди тарма дар мавзеи Барсеми ноҳияи Шуғнон шурӯъ шуданд.

Яке аз вазифаҳои мушаххасе, ки зимни ин Паём ба миён гушта шуд, дар панҷ соли оянда, яъне солҳои 2022-2026 оғоз гардидани боз сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди "Гулистон-Фархор", "Ҷалолиддини Балхӣ-Қубодиён-Шаҳритус", "Данғара-Гулистон-Кӯлоб", "Рӯшон-Хоруғ-Кулма", "Хуҷанд-Конибодом" ва "Хуҷанд-Ашт" мебошад. Дар баробари ин, дар Паём зикр гардид, ки дар давоми солҳои 2022-2026 зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингард, 53 пул, 7 нақб ва 5 долони зидди тарма бунёд карда мешаванд, ки қисми зиёди онҳо дорои сатҳи байналмилалӣ мебошанд.

Маҳз талошҳои бевосита ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат аст, ки сол то сол сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат коҳиш меёбад. Ҳамин тариқ, сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд ёдовар шуд, ки коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ барои зиёд гардидани шумораи воситаи нақлиёт бе таъсир намемонад. Дар айни замон шумораи автомобилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол меафзояд ва ба сифати воситаи муҳимми ҳамлу нақли бор, бағоҷ ва мусофиркашонӣ ҳисобида мешавад. Масалан, тавре дар Паём гуфта шуд, танҳо дар бист соли охир ба ҷумҳурӣ 730 ҳазор мошини сабукрав ворид гардида, дар солҳои истиқлолият аз ҷониби аҳолӣ зиёда аз 320 ҳазор воситаи нақлиёт ва дигар техникаи таъиноти гуногун хусусӣ гардонида шудааст, яъне аҳолии мамлакат дар замони истиқлолият соҳиби беш аз ду миллион воситаи нақлиёти шахсӣ гардидааст.

Пешравии илму техника рӯз то рӯз ба тавлиди воситаҳои нақлиёти ҳозиразамон ва баландсуръату такмилёфта оварда мерасонад. Вобаста ба ин, Сарвари давлат дар Паём пешниҳод намуданд, ки бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди инҳо аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шаванд.

Аз эҳтимол дур нест, ки сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингарди ҷавобгӯи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва рӯз то рӯз зиёд гардидани шумораи воситаи нақлиёти баландсуръату такмилёфта боиси баланд намудани суръати ҳаракат дар роҳҳо ва баъдан идора карда натавонистани автомобил гардида, ба оқибатҳои нохуш оварда расонад. Аз ин лиҳоз, риоя ва иҷрои қатъии қонунҳо муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад. Дар баробари ин, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти милитсияро мебояд имрӯз ба масъалаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини волоияти қонун дар тамоми манотиқи кишвар бештар аз пештар таваҷҷуҳи худро равона созанд.

Дар маҷмӯъ, бо итминон метавон иброз дошт, ки миллати меҳандӯст ва меҳнатқарини Тоҷикистон баҳри иҷрои дастуру супоришҳо ва вазифагузорию ҳидоятҳое, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ироа гардиданд, бо азму иродаи қавӣ равона гардида, онро сармашқи фаъолияти хеш қарор медиҳанд. Ва мардуми сарбаланди мо тӯли панҷ соли баъдӣ, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳматҳои созанда метавонанад нуктаҳои Паёми навбатии Пешвои миллатро дар амал татбиқ намоянд.

***Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад,***
***муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2, майори милитсия***



# Инсоният дар пешорӯи проблемаҳои экологӣ




Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаи тағйирёбии иқлим, баландшавии бесобиқаи ҳарорати миёнаи кураи Замин ва пайомадҳои манфии он барои ҳаёти инсон, ҳифзи олами ҳайвоноту наботот, пиряхҳои кишвар, ки олимони мо омӯзиш, таҳқиқ ва мониторинги доимиро дар ин самтҳо ба роҳ монда, роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро якҷо бо олимони минтақа ва ҷаҳон коркард ва амалӣ намоянд, дар Паёми навбатӣ ба дурустӣ қайд карданд.

Омилҳои табиат барои ҳаёти инсон шароити муҳимтарини зиндагӣ ба ҳисоб меравад. Байни инсон ва табиат ҳамеша муносибати дoду гирифт ба амал омада, саломатии одамон низ аз бисёр ҷиҳат ба табиат вобастагии зич дошта, зеро инсон як ҷузъи табиат мебошад. Аммо инсон барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба табиат таъсири гуногун мерасонад. Ин таъсир метавонад мусбат ё манфӣ бошад.

Дар табиат қонунҳое мавҷуданд, ки аз рӯйи он ҳамаи унсурҳои табиат (об, хок, ҳаво, растанӣ, ҳайвонот ва ғайра) ба ҳамдигар алоқамандӣ дошта, дар ҳолати дахолат намудан ба яке аз унсурҳои табиат таъсири он ба дигар унсурҳо мерасад. Ин гуна муносибати одамон ба табиат таъсири манфӣ дорад.

Дар асри XXI назар ба асри XX таъсири инсон ба табиат боз ҳам бештар гардид. Дар натиҷаи тараққиёти босуръати саноат, нақлиёт, истеҳсолот, мавриди истифода қарор гирифтани навъҳои гуногуни моводи сӯзишворӣ, дастовардҳои илми кимиё дар хоҷагии халқ хатари экологӣ ба ҷомеа боз ҳам зиёд шуда, на танҳо ба ифлосшавии муҳити зист, балки ба худи инсон ҳам зарар эҷод намуда истодааст.

Экология ва ҳуқуқи инсон яке аз проблемаҳои глобалии ҷаҳони муосир ба ҳисоб мераванд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ин ду масъалаи муҳим тадбирҳо меандешад.

Таъминот бо оби тозаи ошомиданӣ ба ҳаёту саломатии аҳолӣ алоқамандии бевосита дошта, иҷро накардани ин уҳдадорӣ метавонад худи мавҷудияти одамонро зери хавфу хатар гузорад. Мутаассифона, солҳои охир дар микёси сайёра об, ин сарвати бебаҳо мо, ифлос ва ҳаҷми оби нӯшокӣ сол то сол кам шуда истодааст. Ҷиддӣ будани ин мушкилотро дарк намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2018 ба аҳли олам пешниҳоди ҷорумашонро вобаста Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" эълон намуданд.

Бояд қайд намуд, ки айни замон 70 фоизи сатҳи сайёраи Заминро об ишғол намуда, аз ин миқдор қариб 2 фоизаш барои нӯшидан истифода мешавад. Дар зарфи 50 соли охир дар дунё барои оби нӯшокӣ 507 мунокиша рӯй додааст, ки 21-тои онҳо ба тарви мусаллаҳона сурат гирифтаанд.

Дигар проблемаи ҷиддии ҷаҳонии экологӣ гармшавии иқлим мебошад, ки дар натиҷаи ҷудо гардидани миқдори зиёди гармӣ аз истеҳсолоти саноатӣ, истифодаи нақлиёт ва ғайра ба амал меояд. Олимон ба хулосае омадаанд, ки ҳарорати кураи Замин ду маротиба баланд шудааст. Обшавии пиряхҳои калони садсолаҳо мавҷуда шурӯъ гардидааст. Ҳатто дар Антарктида обшавии пиряхҳои умрашон беш аз ҳазорсола ба амал омада истодааст. Гармшавии иқлим ба қабатҳои атмосфераи қитъаи яхӣ таъсири манфӣ расонидааст, ин ҷо роғҳои озоние пайдо шудаанд, ки барои мавҷудияти худи Замин хавфнок анд.

Бо мақсади ташкили фаъолияти байналмилалӣ оид ба пешгирии дигаргуншавии иқлим моҳи июни соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои давлати Бразилия дар Конфронси СММ оид ба муҳити зист ва рушд, Конвенсияи доиравии СММ оид ба дигаргуншавии иқлим қабул шуд. Протоколи Киото ба Конвенсия дар сессияи сеюми конфронси иштирокдорони Конвенсия (COP-3) дар шаҳри Киотои давлати Ҷопон 10 декабри соли 1997 қабул гардид. Мақсади асосии ин Протокол муайян кардани принсипҳои сиёсати байналмилалӣ ва кишварӣ дар соҳаи пешгирии гармшавии глобалии иқлим тавассути кам кардани партовҳои антропогении газҳои буғӣ аз ҷониби мамлакатҳои мутараққию саноатӣ ва муқаррар сохтани махдудиятҳои доиравӣ ба ин партовҳо мебошад. Мутобиқи ин протокол 38 давлати аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда, ки ба онҳо собиқ мамлакатҳои сотсиалистии Аврупо низ шомиланд, дар солҳои 2008-2012 партови газҳои заҳрнокро назар ба дараҷаи соли 1990 маҷмӯан бояд 5,2 фоиз кам кунанд. Бар асоси ин сатҳи заминавӣ барои ҳар мамлакат уҳдадориҳои фардӣ муайян гардида, мутобиқан квотаҳо барои партовҳои имконпазир ҷудо карда шудаанд, зимнан квотаҳоро ба дигар иштирокдорони созишнома фурӯхтан мумкин аст. Аз ҷумла, Иттиҳоди Аврупо бояд партовҳоро 8 фоиз кам кунад, барои Федератсияи Руссия бошад, квота аз сатҳи соли 1990 - 100 фоиз гузошта шудааст, ки ин 17,4 фоизи партовҳои ҷаҳониро ташкил медиҳад. Созишномаи Киото дар ҷаҳон дастгирии калон пайдо кард, аммо баъзе мамлакатҳо ҳамроҳшавиро ба он рад карданд. Масалан, ИМА аз ҷумлаи онҳост.

Бисёр ғояҳои олимону ҳуқуқшиносон, ки марбут ба маҳдудсозии таъсири зараровари инсон ба табиат мебошанд, масалан, рӯйхати моводи кимиёвии барои саломатии одамон ва олами ҳайвонот зараровар ва манъи истифодаи онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра дар санадҳои гуногуни байналмилалӣ-ҳуқуқӣ таҳким бахшида шудаанд. Вале бо вуҷуди ин баъзе мамлакатҳо қонунҳои байналмилалиро сарфи назар карда, амал менамоянд, ки ба ин васила саломатии инсон низ чун нигоҳдории муҳити зист зери хавфу хатар қарор мегирад. Дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон мақомоти роҳ ва ҳадамоти санитарию эпидемиологӣ бо истифода аз таҷҳизоти муосир вазъи экологии шаҳрҳо, воситаҳои нақлиёт, корхонаҳои истеҳсолӣ, муассисаҳо ва нуктаҳои хӯроки умумиро месанҷанд, гунаҳкорони ифлосшавии муҳити зист ва вазъи санитарии корхонаҳоро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашанд. Дар ҳолатҳои ҷудогона бар зидди гунаҳкорон дар асоси қонунҳои муқарраршуда парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

Ҷуноне мо эътимод ҳосил кардем, дар роҳи амалисозии ҳуқуқҳои инсон ба муҳити тозаи экологӣ душвориҳои зиёде мавҷуданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш мекунад, ки бахри бартарафсозии ин душвориҳо механизмҳои пурсамар ба вуҷуд орад. Вале барои ҳалли ҷунин проблемаи глобалӣ кӯшиш кардани ҳар давлат ва ҳар сокини сайёра зарур аст.

Солҳои охир дар натиҷаи муносибати нодурусти бархе шаҳрвандон бо табиат, намудҳои зиёди ҳайвоноту наботот рӯ ба нестӣ овардаанд. Дар сайёраи Замин тайи бистсолаи охир баландшавии ҳарорат, обхезиву гирдбодҳои даҳшатовар ва дигар офатҳои табиӣ бештар ба назар мерасанд, ки сабаби асосии ин ҳодисаҳои мудҳиш муносибатҳои нодурусти одамон бо табиат буда, ки он марбут ба надонистани қонунҳои экологӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин самт мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҷиноятҳои экологӣ кирдори ба ҷамъият хавфноке дониста мешавад, ки бо тартиботи ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, ба амнияти экологии ҷамъият зарар расонида, ба муҳити зист ва ба солимии инсон хатар ворид месозанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳдорию тозагии муҳити зист тадбирҳои муайян меандешанд. Ҳамин аст, ки ҳамасола дар шаҳру деҳот садҳо ҳазор бех ниҳолу буттаҳо шинонида шуда, дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳрҳо ва мавзеъҳои аҳолинишин гулгашту боғҳо бунёд мегарданд. Аз ҷумла, дар пойтахти ҷумҳурии соҳибистиқлоламон - шаҳри Душанбе, қисми зиёди нақлиёти мусофирбар ба гази моеъ гузаронида шудааст, ки то андозае бухоршавии гази заҳролудкунандаро ба муҳити атроф кам мекунад. Ҳамзамон, барои воридоти нақлиётҳои истифодашаванда аз қувваи барқ, онҳо аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, ки ин ҳам яке аз тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба энергияи сабз мебошад.

Дар ин замина, вазифаи мо ҳамчун сокинони Тоҷикистон, аз он иборат аст, ки тозагии максималии экологиро дар маҳалҳои зисти худ ва умуман, дар тамоми мамлакат таъмин намоем. Ба ин васила мо ҳуқуқҳои дастҷамъии худ ва атрофиёнро ба муҳити тозаи экологӣ таъмин менамоем.

*Шукрихудо Айдархонзода,*
*Шухрати Шоҳиён,*
*омӯзгорони Академия*



МУАССИС:
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Раҳимзода Р.Ҳ.
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шарифзода Ф.Р. — *Сардори Академияи ВКД*
Насуриён П.А. — *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
Саидзода З.А. — *Муовини сардори Академияи ВКД*
Ализода А.Ш. — *Муовини сардори Академияи ВКД*

САРМУҲАРРИР: Умед Олим
ХАБАРНИГОР-СУРАТГИР: Шавкат Убайдуллоев
ТАРРОҲ: Муҳаббат Рашидова

Барои истифодаи маводи нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе маводро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд. Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

НИШОНӢ:
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

Телефонҳо:
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха